**Тақризи**

роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Азимова Мукадасхон Муҳамедовна дар мавзӯи “Идоракунии рушди бахши давлатии хизматрасониҳо дар самти пешниҳоди неъматҳои муҳимми ичтимоӣ (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)” барои дарёфти дарҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси аз рӯи ихтисоси 08.00.05.02 - Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт

Азимова Мукадасхон Муҳамедовна соли 2009 Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи тиҷорати Тоҷикистонро бо ихтисоси молия ва қарз хатм намудааст. Аз соли 2001 то имрӯз дар Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, кафедраи маркетинг-агробизнес фаъолият менамояд.

Соли 2014 ба ҳайси унвонҷӯ дар мавзӯи “Идоракунии рушди бахши давлатии хизматрасониҳо дар самти пешниҳоди неъматҳои муҳимми ичтимоӣ (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)” кори илмию таҳқиқотӣ бурда диссертатсияи худро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.05.02 - Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт омода намуд.

Дар раванди иҷрои кори илмию тадқиқотӣ худро ҳамчун таҳқиқгарӣ ҷиддӣ дар ҷамоварӣ ва омӯзиши маводҳои имлмию амалӣ муаррифӣ намуд. Азимова Мукадасхон дар таҳияи мақолаҳои илмӣ вобаста ба мавзӯи диссертатсионӣ мустақилият нишонда дода, 10 мақолаҳо ба чоп тавсия намуд, ки аз онҳо 3 тоаш ба маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон рост меояд.

Аамалия нишон медиҳад, ки натиҷаҳои фаъолияти бахши давлатӣ, пеш аз ҳама, дар сарҳади фазоӣ ё ҳудудии истеъмоли онҳо таҷассум мееёбанд: сокинони минтақаи алоҳидаи кишвар ба сифати истеъмолкунандаи маҳсулоти ҷамъиятӣ, аз ҷумла неъматҳои муҳимми ичтимоӣ баромад мекунанд. Аслан, дар сохтори бахши давлатии хизматрасониҳо соҳаи пешниҳоди неъматҳои муҳими иҷтимоӣ, ки соҳаҳои маориф, тандурустӣ, фарҳанг, илм ва амнияти иҷтимоиро дар бар мегиранд, мавқеи муҳимро ишғол мекунад. Дар иртибот бо ин дарки нақши неъматҳои иҷтимоӣ ҳамчун кафили некӯаҳолии ҷамъиятӣ ва рушди иқтисодииии минтақаҳои ҷумҳурӣ, зарурияти гузаронидани ислоҳот ва баланд бардоштани сатҳу сифати неъматҳои муҳимми иҷтимоиро, аз ҷумла дар соҳаи ҳифзи саломатии аҳолӣ, маориф ва фарҳангро дар бахши давлатии хизматрасониҳо талаб менамояд, ки ифодагари мубрамияти мавзӯи кори диссертатсионии Азимова М.М. мебошад.

Кори диссертатсионии пешниҳодшуда дорои навгониҳое мебошад, ки онҳо дар ҷамъбастнамоиҳои назариявӣ ва хулосаю пешниҳодҳои унвонҷӯ инъикос ёфтаанд.

Азимова М.М. дар асоси омӯзиши асноди меъёрию ҳуқуқӣ, стратегиҳо, консепсияҳо, барномаҳои қабулшудаи ҳукумати кишвар бахшида ба рушди бахши давлатии ҷамъиятӣ, ҷамъоварӣ ва коркарди маълумоти оморӣ тавонистааст, самтҳои асосии такмил додани асосҳои ташкилию иқтисодии баланд бардоштани идоракунии бахши давлатии хизматрасониҳоро дар самти неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ намояд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки унвонҷӯ Азимова М. дар кори диссертатсионӣ асосҳои назариявии рушди бахши давлатии хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва рушди сохтори институтсионалии истеҳсолу пешниҳоди неъматҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳимро мавриди омӯзиш қарор дода, ҳолати кунунии истеҳсол ва пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоиро дар бахши давлатии хизматрасониҳои вилояти Суғд таҳлил намудааст. Ҳамчунин Азимова М. тавонистааст, ки самтҳои стратегии рушди истеҳсолу пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоиро дар вилоят асоснок намояд.

Умуман кори диссертатсионӣ сохтори хуби мантиқӣ дошта, мақсад ва вазифаҳо дуруст тарҳрезӣ гардида, унвонҷӯ Азимова М. тавсияҳои илман асоснок таҳия кардааст.

Кори диссертатсионии Азимова Муқадасхон Мухамедовна дар мавзӯи “Идоракунии рушди бахши давлатии хизматрасониҳо дар самти пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)” барои дарёфти дарҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.05.02 - Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт, тадқиқоти анҷомёфта ба ҳисоб рафта ба ҳимоя тавсия карда мешавад.

Роҳбари илмӣ,
д.и.и., профессори кафедраи
фаъолияти гумрукии ДДМИТ Мирсаидов С.А.

Имзои д.и.и. Мирсаидов С.А.-ро тасдиқ мекунам.

Сардори шуъбаи кадрҳо ва
Корҳои махсуси ДДМИТ, н.и.ҳ. Шарипов У.А.

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ

16.09.2022

Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон
734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душане, хиёбони Нахимов 64/4
Тел: (+992) 927802994
E –mail: surushs-sa@mail.ru